# ҒАНИГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚА ДАР ТОҶИКИСТОН

## СТРАТЕГИЯИ КАМХАРОҶОТИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

Июни соли 2016

*МАҲДУДИЯТИ МАСЪУЛИЯТ*

*Гузориши мазкур бо дастгирии мардуми Амрико тавассути Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) омода шудааст. Муаллиф барои мазмуни гузориш пурра масъул мебошад, ки он метавонад нуқтаи назари USAID ё Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаро инъикос накунад.*

# ГУЗОРИШ ОИД БА ТАҲЛИЛИ ЗАРАРИ ИҚТИСОДӢ АЗ НОРАСОИИ ОҲАН ВА КИСЛОТАИ ФОЛИЕВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## ҒАНИГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚА ҲАМЧУН СТРАТЕГИЯИ КАМХАРОҶОТИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Таҳлили хароҷоту манфиат
ва гузориш аз ҷониби Калимуддин Ғаюрӣ омода шудааст

*ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ*

*Муаллиф ба хонума Хайринисо Юсуфӣ – Муовини Раиси Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хонума Саида Умарзода – Муовини якуми  вазир, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ҳамкорӣ дар раванди ҷамъоварии ва тасдиқи маълумот ва таҳлили онҳо арзи сипос мекунад.*

*Инчунин, Муаллиф ба тамоми коршиносон, ки саҳми арзандаро дар омодакунии таҳлили мазкур гузоштанд, миннатдории худро баён мекунад, бахусус ба ҷаноби Чек Багрианский барои таъмини сохтори заминавии модели таҳлил; ба коршиносони соҳавӣ ҷаноби Филипп Рандал ва ҷаноби Квентин Ҷонсон барои пешниҳод намудани маводҳои техникии алоқаманд бо пиндоштҳо ва ба хонума Дору Панагидес, хонума Мутриба Латипова ва Каролайн Манус лоиҳаи GAIN барои саҳми онҳо дар пешниҳоди маълумот дар бораи ҳар як кишвар ва барои ҳамоҳангсозии фаъолият.*

Мундарича

ихтисорот 5

мазмуни мухтасар 6

норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ дар тоҷикистон 7

МЕТОДика 9

алгоритми умумии дурнамои зарари иқтисодӣ 9

ПАЁМАДҲОИ ИҚТИСОДИИ КАМХУНӢ ВА НОРАСОНИИ КИСЛОТАИ ФОЛИЕВӢ 10

КАМХУНӢ ДАР байни КӮДАКОН 10

арзиши холиси (АХ) солонаи талафоти даромади оянда аз сабаби камхунии алоқаманд бо норасоии оҳан (КНО) дар кӯдакон 10

камхунӣ дар байни калонсолони коргар 11

талафоти солонаи иқтисодӣ дар байни калонсолони машғули меҳнати ҷисмонӣ дар натиҷаи КНО 11

фавти Перинаталӣ ва модар дар натиҷаи камхунӣ дар байни модарон 12

сатҳи солонаи фавти модар дар натиҷаи камхунӣ 12

арзёбии арзиши холиси музди меҳнати аз даст додашуда дар натиҷаи фавти модар 12

дурнамои фавти перинаталӣ дар натиҷаи кно дар байни модарон 13

ҳисоби музди меҳнати аз дастдода дар натиҷаи фавти перинаталӣ 13

нуқси найчаи асаб, ки бо норасоии кислотаи фолиевӣ алоқаманд аст 13

ДУРнамои фавти алоқаманд бо нна 14

дурнамои талафоти иқтисодӣ дар натиҷаи фавт аз нна 14

прогноз чпс потерянной продуктивности вследствие случаев днт 14

Маълумоти мухтасар дар бораи талафоти иқтисодии сатҳи миллӣ 15

ҷамъбасти паёмадҳои иқтисодӣ аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо 15

Арзиши ғанигардонии орди гандумӣ дар миқёси калон 15

Арзиши ғанигардонии орди гандумӣ дар давоми 10 сол 16

арзиши иловаи витаминию минералӣ 16

ХАРОҶОТИ ИСТЕҲСОЛӢ 17

ХАРОҶОТИ ДАВЛАТӢ 17

дурнамои бартарияти ғанигардонӣ 17

маълумоти маҷмӯӣ дар бораи бартариятҳои тадбир 18

таносуби хароҷот ва манфиати ғанигардонии орди гандумӣ 19

Таъсири нархи чаканаи ғанигардонии орди гандумӣ 19

таҳлили хароҷот ва манфиатҳои норасоии микроэлементҳои серғизо 20
ХУЛОСА 21
замимаи А: рӯйхати маҷмӯи маълумот 22
замимаи Б: рӯйхати иштирокчиён 24

## ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БОР | Бонки Осиёгии Рушд |
| ХК | Хароҷоти капиталӣ |
| ТХМ | Таҳлили хароҷоту манфиатҳо |
| ТДТ | Тадқиқоти демографию тиббӣ |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзӣ |
| г/дл | Грамм ба десилитр |
| GAIN | Иттиҳоди ҷаҳонии беҳсозии ғизо |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| Гб | Гемоглобин |
| Кг | Килограмм |
| КНО | Камхунӣ аз ҳисоби норасоии оҳан |
| м | Миллион |
| ТМ | Тоннаи метрикӣ |
| АХ | Арзиши холис |
| ННА | Нуқси найчаи асаб |
| ХАОМ | Хавфи аҳолӣ, ки ба омил мансуб дониста шудааст |
| ХН | Хавфи нисбӣ |
| ИС | Инҳирофи стандартӣ |
| СММ | Созмони милали муттаҳид |
| ЮНИСЕФ | Хазина кӯдакони Созмони милали муттаҳид |
| USAID | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |
| Долл.ИМА | Доллари ИМА |
| СУТ | Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ |

# МАЗМУНИ МУХТАСАР

Норасоии микроэлементҳои серғизо мушкилоти ҷиддии тандурустии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта ба саломатӣ, инкишофи равонӣ ва маҳсулнокии аҳолӣ ва инчунин рушди иқтисодии кишвар бо оқибатҳои харобиовар таҳдид мекунад. Бахусус занону кӯдакон осебпазир мебошанд. Илова бар оқибатҳои ҷиддии норасоии микроэлементҳои серғизо барои рушду некӯаҳволии шахсони алоҳида, тибқи арзёбиҳои мавҷуда, норасоии ғизо ҳамасола ба иқтисоди Тоҷикистон миллионҳо доллари ИМА зарар меоварад[1].

Кӯдаконе, ки аз норасоии микроэлементҳои серғизо азият мекашанд ба бемориҳое, ки монеи таҳсили мунтазами онҳо дар мактаб мегарданд, бештар осебпазир мебошанд. Дар натиҷа, онҳо бо мушкилии бештар таҳсил мекунанд ва норасоии зикршуда бо аз дастдиҳии 2-3 соли таҳсил баробар мебошад[2]. Ҳамчун калонсолон, бо эҳтимолияти зиёд онҳо бо мушкилоти вазни изофа ва хатари бемориҳои алоқаманд бо дил ва диабет рӯ ба рӯ хоҳанд шуд[3]. Дар муқоиса бо калонсолон онҳо 22 фоиз камтар даромад ба даст оварда мувоҷеҳи мушкилоти алоқаманд бо тарбия ва хӯронидани оилаҳои худ хоҳанд буд, ки дар навбати худ чунин ҳолат ба доимӣ шудани камбизоатӣ оварда мерасонад.

Норасоии микроэлементҳо дар ғизо ба ҳаёти инсон таъсири манфӣ мегузорад, сатҳи камбизоатиро баланд бардошта суръати афзоиши иқтисодиро бозмедорад. Ғизохӯрии заифи модар ва кӯдак ба некӯаҳволии ҷомеаҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодии кишварҳо дар наслҳои оянда асари худро мегузорад[4]. Талафот дар натиҷаи сатҳи пасти маҳсулнокӣ, инкишофи заифи когнитивӣ, коҳишёбии сатҳи маълумот ва бори гарон ба низоми тандурустии бе ин ҳам тахти фишор қарорёфта тавассути коҳишдиҳии ҳаҷми ММД ба 3 фоиз ба рушди иқтисодии кишвар монеагӣ мекунанд[5].

Дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст, ки мушкилоти норасоии микроэлементҳоро тавассути андешидани чораҳои камхароҷот, самаранок, ки ба аввалин «Ҳазор рӯз»-и инкишофи кӯдакон равона шудааанд, дар давраи аз ҳомилагӣ до синни дусолагӣ, метавон ҳал намуд. Мавҷудияти витаминҳо ва минералҳо дар байни кӯдакон ва занони синну соли репродуктивӣ, ки барои зиндагӣ, таҳсил ва саломатии онҳо заруранд, метавонад онҳоро аз вартаи камбизоатӣ бароварда зиндагии онҳо, ҷомеа ва ниҳоятан миллатро рангорангу ғанӣ гардонад.

Ҳалли мушкилии норасоии микроэлементҳо низ яке аз сармоягузориҳои беҳтарине, ки кишвар метавонад ба хотири ояндаи худ кунад, маҳсуб меёбад. Консенсуси Копенҳаген,

---

[1] Таҳлили ҳолат, Бонки ҷаҳонӣ / ЮНИСЕФ: Беҳсозии натиҷаҳои иқтисодӣ тавассути вусъатдиҳии барномаҳои ғизо дар Тоҷикистон. Душанбе, Тоҷикистон, с. 2012

[2] Годдинотт Д., Малуччио Д.А., Берман Д., Флорес Р., Марторелл Р. Таъсири тадбирҳои алоқаманд бо ғизо дар овони кӯдакӣ ба маҳсулнокии иқтисодии аҳолии калонсоли Гватемала. Лансет. 2008; 371: 411-16. DOI: 10.1016 / S0140- 6736 (08) 60205-6.

[3] Блек Р.Е, Виктора С.Д., Уокер С.П., Бхутта З.А., Кристиан Р., де-Онис М., ва дигарон .; Гуруҳи тадқиқотӣ оид ба ғизои модар ва кӯдак. Норасоии ғизо дар модар ва кӯдак, вазни зиёдатӣ дар кишварҳои дорои сатҳи паст ва миёнаи даромад. Лансет 2013;371:243–60. doi:10.1016/S0140-6736(13)60937-X

[4] Уокер, С. П., Т. Д. Вакс, С. Грентем-МакГрегор ва дигарон 2011, «Нобаробари дар овони кӯдакӣ: омилҳои хавф ва муҳофизат дар инкишофи бармаҳали кӯдак», *Лансет* - 8 октябр, 378(9799): 1325-1338.

[5] . Аз нав муайян намудани нақши ғизо ҳамчун омили асосии рушд: стратегияи амали бузургҳаҷм. Вашингтон: Бонки умумиҷаҳонтъ; 2006 г. (http://siteresources. worldbank.org/NUTRITION/Resources/281846-1131636806329/ NutritionStrategy.pdf, accessed 21 October 2014).

гуруҳи иқтисодчиёне, ки усулҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки беҳсозии зиндагии аҳолиро бо истифода аз пиндоштҳои консервативӣ ҳисоб мекунанд, бар он ақида аст, ки ҳатто дар кишварҳои аз ҳама камбизоат боздеҳии ҳар як доллари барои коҳишдиҳии камғизоии доимӣ масрафшуда ҳадди ақал 30 доллари ИМА ташкил медиҳад. Иқтисодчиён инчунин муайян намуданд, ки таъмини микроэлементҳо тавассути ғанигардонии маҳсулоти асосии озуқа яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи тандурустии ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Таносуби самаранокии хароҷот дар сурати йодноккунии намак то 30:1 ва дар сурати ғанигардонии орд 28:1 ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон, баъди семинаре, ки бо намояндагони ҳукумат ва дигар тарафҳои манфиатдор моҳи марти соли 2016 гузаронида шуд, дар натиҷаи таҳлили хароҷот ва манфиатҳои (ТХМ) ғанигардонии орди гандумӣ ҳаҷми талафот барои иқтисодиёти кишвар аз ҳисоби норасоии микроэлементҳои серғизо муайян гардид. Маълумоти ТХМ нишон медиҳад, ки **мавҷуд набудани имконияти ҳалли мушкилоти мазкур ба талафоти иқтисодӣ дар ҳаҷми 878 млн. доллари ИМА дар давоми даҳсолаи оянда оварда мерасонад.**

| Паёмадҳои норасоии витамину минералҳо | Млн. Долл. ИМА |
|---|---|
| Нуқси найчаи асаб | 3.125 |
| Фавти неонаталӣ | 61.935 |
| Фавти модар | 1.226 |
| Камхунӣ аз ҳисоби норасоии оҳан дар кӯдакон | 394.507 |
| Камхунӣ аз ҳисоби норасоии оҳан дар калонсолон | 417.154 |
| **Ҳаҷми ҷамъшудаи талафоти иқтисодӣ дар давоми 10 сол** | **877.947** |

Бо вуҷуди ин, ТХМ низ натиҷаҳои мусбат дод. Дар рафти гузаронидани ТХМ самаранокии иқтисодии **як чорабинӣ** – ғанигардонии орди гандумӣ дар ҳалли мушкилии норасоии микроэлементҳои серғизо баррасӣ гардид. Таҳлил нишон дод, ки дар давоми даҳ сол барномаи бомуваффақияти ғанигардонии орд имконияти коҳишдиҳии ин хароҷотро ба 302 млн. доллари ИМА фароҳам меоварад.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлили хароҷот ва манфиатҳо ҳисобу китоби арзиши чунин барномаи даҳсолаи ғанигардонии орди гардумӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардид, ки он 32 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Он имкон медиҳад, ки нисбат ба хароҷот фоида нуҳ баробар зиёд ба даст оварда шавад. Хароҷоти ҳадди ақали мустақим барои истеъмолкунанда танҳо 0,79 фоизи нархи миёнаи чаканаи орди гандумӣ дар Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, арзиши он дар як халтаи орди 50 кг танҳо ба 1,21 сомонӣ афзоиш меёбад. Акнун мо дорои далели равшан барои пешрафт бо мақсади ғанигардонии орд дар Тоҷикистон бо микроэлементҳои асосии серғизо мебошем.

## НОРАСОИИ ОҲАН ВА КИСЛОТАИ ФОЛИЕВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Камхунии вобаста ба норасоии оҳан** яке аз сабабҳои асосии фавти модар ва бемориҳои конгнитивӣ дар кӯдакони хурдсол ба ҳисоб меравад. Он метавонад ба таҳсил дар мактаб таъсири доимӣ расонида ба некӯаҳволии иқтисодии шахсони алоҳида, оилаҳо ва иқтисодиёти миллӣ асари манфӣ гузорад. Дар байни калонсолон камхунӣ ба

маҳсулнокии меҳнат низ таъсир мерасонад. Дар Тоҷикистон, камхунӣ тақрибан дар 24% занҳои синни қобили таваллуд ва 28% кӯдакони то панҷ сола дида мешавад.[6] Соли 2014, аз рӯи маълумоти Агентии омори Тоҷикистон, сатҳи паҳншавии камхунӣ дар байни занони ҳомиладор 44,8%, ва тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни заноне, ки ҳомиладор нестанд 24,2% ташкил дод, ки аз сатҳи баланди камхунӣ дар саросари Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

**Кислотаи фолиевӣ** витаминест, ки барои инкишофи мағзи сар, ҳароммағз ва косахонаи сар аҳамияти калон дорад. Таъмини сатҳи кофии кислотаи фолиевӣ дар байни занон то ҳомиладоршавӣ метавонад ҳолатҳои нуқси найчаи асабро коҳиш диҳад. Тибқи арзёбиҳо, 330 кӯдак дар Тоҷикистон ҳамасола бо нуқси найчаи асаб ба монанди чурраи ҳароммағз (спинномозговая грыжа) таваллуд мешаванд[7].

Ғанигардонии маҳсулоти озуқа дар миқёси калон, илова намудани миқдори хурди витамину минералҳо ба маҳсулоти асосии озуқа ва хӯришҳо яке аз стратегияҳои асосии баланд бардоштани сифати ғизо маҳсуб меёбад.

Дар Тоҷикистон, орди гандумӣ воситаи беҳтарин барои ғанигардонӣ бо оҳан ва кислотаи фолиевӣ мебошад. Одатан нон ҳангоми ҳар як ғизохӯрӣ аз ҳама бештар истеъмол мегардад ва аз рӯи ҳисобҳо, истеъмоли нон ба ҳар сари аҳолӣ дар як шабонарӯз 420 г ташкил медиҳад.[8] Талошҳои қаблӣ дар самти амалисозӣ ва нигоҳдории ғанигардонии орди гандумӣ соли 2007 ба муваффақият ноил нашуданд, аммо аз соли 2014 инҷониб, лоиҳаи GAIN бо дастгирии молиявии USAID бо Ҳукумати Тоҷикистон оид ба фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои ғанигардонӣ ҳамкорӣ мекунад. То қабули минбаъдаи ғанигардонии орди гандумӣ ҳамчун тадбир ҷиҳати ҳалли мушкилоти норасоии микроэлементҳои серғизо, Ҳукумати Тоҷикистон ва дигар тарафҳои манфиатдор ҷиҳати муайян намудани самаранокии иқтисодии он дар ҳалли мушкилоти норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ гузаронидани таҳлили боэътимоди ғанигардонии ордро дархост намуданд.

Бо ин мақсад, 10-11 марти соли 2016, шасту панҷ намояндаи ҳукумати миллӣ, шарикони байналмилалии рушд ва саноати истеҳсоли орд таҳти роҳбарияти хонума Хайринисо Юсуфӣ, муовини раиси Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хонума Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семинар таҳти унвони *Таҳлили хароҷот ва манфиатҳои ғанигардонии орд дар Тоҷикистон*, ки дар ш. Душанбе баргузор гардид, иштирок варзиданд. Семинар дар якҷоягӣ бо Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ва Иттиҳоди ҷаҳонии беҳсозии ғизо (GAIN) ташкил гардид.

Иштирокдорони семинар усулҳои илмӣ ва иқтисодиро ба маълумоти низоми миллии тандурустӣ, маълумоти демографӣ, маълумоти меҳнатӣ ва иқтисодӣ истифода намуданд, ки он дар навбати худ имконияти баҳодиҳии талафот барои саломатӣ ва

[6] *Омӯзиши ҳолати микроэлементҳои серғизо дар Тоҷикистон*, с. 2009, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ЮНИСЕФ, с. 2010

[7] Агентии омор дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АО), Вазорати тандурустӣ [Тоҷикистон], ва КБМ. с.2013. *Тадқиқоти демографӣ ва тиббӣ дар Тоҷикистон*, с. 2012. Душанбе, Тоҷикистон ва Калвертон, Мэриленд, ИМА: SA, Вазорати тандурустӣ ва КБМ.

[8] Маълумоти оморӣ дар бораи истеъмол, ки дар рафти семинар мувофиқа карда шуданд.

иқтисодиётро аз ҷиҳати миқдор дар натиҷаи норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ дар Тоҷикистон, фароҳам овард.

## МЕТОДИКА

Таҳлили хароҷот ва манфиатҳо (ТХМ) аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: маҷмӯи маълумоти иборат аз пиндоштҳо; ҷадвали электронӣ дар асоси модел; ва таҳлили натиҷаҳо. Маҷмӯи маълумот дар рафти семинар ба таври муфассал муҳокима шуда ва ба мувофиқат расонида дар Замимаи А оварда шудааст. Иштирокдорони семинар хулосаҳое, ки дар гузориши мазкур баён шуданд, муҳокима ва ба мувофиқат расониданд.

Паёмадҳои иқтисодӣ бо истифода аз чаҳор воситаи гуногун чен/арзёбӣ мегарданд:

1. Фавт ва маъюбӣ дар кӯдакон ва дар натиҷа, даромади аз даст додашудаи шуғли оянда;
2. Дефисити иқтисодӣ аз сабаби сатҳи нисбатан пасти қобилияти дарки кӯдакон, сатҳи пасти таҳсил дар мактаб ва коҳишёбии маҳсулнокии оянда;
3. Коҳишёбии маҳсулнокӣ дар байни калонсолони машғули кор, аммо бо камхунӣ, инчунин
4. Хароҷоти иловагӣ барои тандурустӣ дар робита бо норасонии микроэлементҳои серғизо.

Монетизатсияи хавфҳо барои саломатӣ ва дефисит дар як қатор маълумоти миллии демографӣ, меҳнатӣ, тиббию санитарии оморӣ, аз он ҷумла дар баъзе тахминҳои калидӣ дар сурати дастрас набудани маълумот, асос ёфтаанд. Алгоритми умумии (таносуби талафот) дурнамои миқёси талафот/зарари иқтисодӣ дар диаграммаи поён оварда шудааст.

### АЛГОРИТМИ УМУМИИ ДУРНАМОИ ЗАРАРИ ИҚТИСОДӢ

| **Аҳолии гурӯҳи хавф** | | **Паҳншави и шароит** | | **Аҳолӣ бо норасоӣ** | | **Аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол[9]** | | **Маоши миёнас ола[10]** | | **Таносуби норасоӣ ё талафот** | | **Фаъолият и маҳсулно ки аз даст додашуда** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маълумот и омории миллӣ | X | % тадқиқот с. 2013 | = | Аз рӯи нишондиҳ анда ва гурӯҳи хавф | X | 68%<br>77% мардҳо<br>50% занҳо | X | 923 долл. ИМА дар як сол | X | % ё ХН (хавфи нисбӣ) аз адабиёти ҷаҳонӣ | = | долл.ИМА/ сол |

Азбаски норасоӣ танҳо нисбати шахсони воқеӣ истифода мешавад, ки бо назардошти сатҳи пасти шуғл дар Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошанд, таъсири норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ ба ҳиссаи қувваи корӣ дар шумораи умумӣ тақрибан нисфи мардони синни қобили кор ва тақрибан аз чор се ҳиссаи занонро фаро намегирад.

[9] Қувваи корӣ
[10] Ҳамон ҷо

То воридшавии кӯдакон пас аз 15 соли оянда ба қувваи корӣ ва тӯлкашии даромад ба 40-50 сол, норасоии маҳсулнокии синни кӯдакӣ эҳсос намешавад. Ҳамин тариқ, арзиши холиси талафоти иқтисодӣ дар оянда дар асоси меъёри 2,5% барои баҳисобгирии муддате, ки кӯдак дар қувваи корӣ дохил нест, ҳисоб карда мешавад.

Табдилдиҳии нишондиҳандаҳои норасоии ғизо ба фаъолияти иқтисодӣ ва алоқаманд намудани арзиши пулӣ ба ин фаъолияти иқтисодӣ илова бар нерӯи инсонӣ ва маҳсулнокӣ, омилҳои зиёдро дарбар мегирад. Ҳавасмандкунӣ дар ҷои корӣ, технологияҳо ва имкониятҳо ба он ки чӣ тавр баланд бардоштани иқтидор ба афзоиши маҳсулнокӣ ва даромад оварда мерасонад, таъсир мекунад. Ғайр аз ин, паёмадҳои норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ фаротар аз ҷои корӣ буда ба як қатор фаъолият, инчунин тарбияи кӯдакон, кори хонагӣ, таҳсил, фаъолияти соҳибкорӣ ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд.

## ПАЁМАДҲОИ ИҚТИСОДИИ КАМХУНӢ ВА НОРАСОНИИ КИСЛОТАИ ФОЛИЕВӢ

### КАМХУНӢ ДАР БАЙНИ КӮДАКОН

Маълумоти омории аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон дар давоми семинар тасдиқшуда нишон медиҳанд, ки тақрибан 60% кӯдакон дар синни то 5 сола аз норасоии оҳан азият мекашанд. Як қатор маълумоти ба даст омада сатҳи оҳан дар ҷисми кӯдаконро бо рушди когнитивӣ ва норасоии маҳсулнокӣ ҳамчун калонсол дар оянда рабт медиҳад. Маҷаллаи Шарҳи вазъи таъминот бо ғизо таъсири мусбати ҷораҳои алоқаманд бо барқарорсозии сатҳи оҳан ба нишондиҳандаҳои когнитивиро дар ҳудуди аз 0,5 то 1 инҳирофи стандартӣ (ИС) тасдиқ мекунад. Хулосаи маҷалла чунин аст: “маълумоти мавҷудбуда тамоми шартҳои зарурӣ барои хулосабарории он ки норасоии оҳан ба бемориҳои когнитивӣ ва таъхир дар инкишоф оварда мерасонад, қонеъ мекунанд”.[11]

Тибқи хулосаи шарҳи ба қарибӣ омодашуда дар соҳаи психологияи кӯдак, ғизо ва дониши иқтисодӣ мушкилоти рушд дар робита бо сатҳи оҳан дар ҷисми кӯдакони синни то 5 сола бо коҳишёбии даромад дар давоми зиндагӣ ба 4% алоқаманд мебошанд.[12] Чунин хулоса моро ба тасҳеҳи норасоии 4% бо таносуби 0,62 барои ҳисоб кардани коҳишёбии даромад дар давоми зиндагӣ ба 2,5% барои кӯдакони синни то панҷсола, ки дар онҳо норасоии оҳан мушоҳида мешавад, роҳнамоӣ намуд.[13] Ҳисобҳои мо дар фаъолияти меҳнатии 39-сола бо меъёри 2,5% ҷиҳати инъикоси муддате, ки дар он кӯдак дар бозори меҳнат қарор надорад, асос меёбад.

### АРЗИШИ ХОЛИСИ (АХ) СОЛОНАИ ТАЛАФОТИ ДАРОМАДИ ОЯНДА АЗ САБАБИ КАМХУНИИ АЛОҚАМАНД БО НОРАСОИИ ОҲАН (КНО) ДАР КӮДАКОН

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯдакони бо КНО | x | Маоши миёнасол а | x | Сатҳи фаъолияти иқтисодии | x | Таносуби талафот | x | АХ барои 39 соли даромад баъди 12.5 сол | = | АХ талафоти иқтисодӣ (12.5 сол барои |

---

[11] Хаас, Д. ва Браунли Т., Норасоии оҳан ё коҳишёбии қобилияти корӣ: Баррасии интиқодии Маҷаллаи тадқиқотии ғизо. 2001; 131

[12] Хортон ва Росс Иқтисодиёти норасоии оҳан. Сиёсат дар соҳаи ғизо 28 (2003) 51–75

[13] Хортон ва Росс Иқтисодиёти норасоии оҳан. Сиёсат дар соҳаи ғизо 28 (2003) 51–75

| қувваи корӣ | | | | задержки[14] | дохилшавӣ ба бозори қувваи корӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 0.730 млн. | 1000 долл. ИМА | 68% | 2.5% | 2.5% | АХ 38.571 млн. долл. ИМА |

Бо назардошти паҳншавии кунунии камхунӣ, зиёда аз 0,730 миллион кӯдаки синни то 5 сола дар Тоҷикистон дар оянда ба иқтидори пурраи когнитивии худ намерасанд, дар мактаб на он қадар хуб таҳсил мекунанд ва дар оянда ҳамчун калонсолон бо норасоии алоқаманди даромаднд рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳатто бо норасоии 2,5% маҳсулнокӣ, ки ба ҳар як кӯдак 923 доллари ИМА ташкил медиҳад, ин талафоти ҷамъшуда ба ММД-и кишвар таъсири назаррас хоҳад расонид. Арзиши холиси даромадҳои Тоҷикистон 38,57 млн. долл. ИМА дар як сол ташкил медиҳад. Дар сурати илова намудани суръати 0,5% афзоиши солонаи таваллуд, нишондиҳандаи мазкур то тақрибан 395 миллион доллари ИМА дар давоми 10 сол афзоиш хоҳад ёфт.

## КАМХУНӢ ДАР БАЙНИ КАЛОНСОЛОНИ КОРГАР

Камқувватӣ, хастагӣ ва заифӣ аз сабаби камхунӣ дар байни калонсолон ба талафоти ченшавандаи маҳсулнокӣ дар меҳнати ҷисмонӣ, аз он ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолот, сохтмон, саноати истихроҷи маъдан ва мудофиа оварда мерасонад. Далелҳои мустанади шаҳодатдиҳандаи оқибатҳои манфии камхунӣ ба нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат зиёданд.

Дар ҷадвали поён дурнамои норасоии солонаи маҳсулнокӣ ба маблағи тақрибан 38.271 млн. долл. ИМА нишон дода шудааст. Ҳисобҳои алоҳида барои қувваи кории ҷинси мард ва зан бо мақсади ба инобат гирифтани ноустувории назаррас дар паҳншавии камхунӣ, сатҳи музди меҳнат ва иштироки қувваи корӣ, омода карда шудаанд. Норасоии маҳсулнокӣ танҳо нисбат ба онҳое, ки машғули меҳнати ҷисмонӣ мебошанд ва дар иҷрои он қобилияти аэробӣ, пуртоқатӣ ва қувват нақши муайянро мебозад, истифода мешавад. Гарчанде, ки камхунӣ бешубҳа ба "фаъолияти зеҳнӣ" таъсиргузор аст, дефисити 10 фоизаи кор соҳаи маориф ва иҷтимоиро, ки дар онҳо занон ҳиссаи назарраси қувваи кориро ташкил медиҳанд, фаро намегирад.

## ТАЛАФОТИ СОЛОНАИ ИҚТИСОДӢ ДАР БАЙНИ КАЛОНСОЛОНИ МАШҒУЛИ МЕҲНАТИ ҶИСМОНӢ ДАР НАТИҶАИ КНО

| **Паҳншавии КНА дар байни калонсолони синни 15-65 сола** | | **Маоши меҳнати ҷисмонӣ** | | **Норасоии 10% меҳнати ҷисмонӣ** | | **Талафоти 12% меҳнати вазнин[15]** | | **Талафоти солона** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Занон: 19.9%x1.333 м | x | 562 долл. ИМА/сол | x | 14.916 долл. ИМА | + | | = | 30.816 млн. долл. ИМА/сол |
| Мардон 10.7%x1.986 м | | 750 долл. ИМА/сол | | 15.900 долл. ИМА | | 2.680 | | |
| Занон: 19.9%x0.199 м | | 562 долл. ИМА/сол | | | | 4.770 | | 7.455 млн. долл. ИМА/сол |

[14] Шумораи миёнаи солҳо то дохилшавӣ ба қувваи корӣ

[15] Аз рӯи ҳисобҳо, дар сатҳи 12% (аз Хортон ва дигарон, 2003)

## ФАВТИ ПЕРИНАТАЛӢ ВА МОДАР ДАР НАТИҶАИ КАМХУНӢ ДАР БАЙНИ МОДАРОН

Дар давоми ҳомиладорӣ зарурат ба оҳан ба таври назаррас афзоиш меёбад ва дар баробари он хавфи камхунӣ низ зиёд мешавад ва ба саломатӣ ва зинда мондани модару кӯдак таҳдид мекунад. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон паҳншавии камхунии алоқаманд бо норасоии оҳан дар байни модаронро дар сатҳи 25,9% арзёбӣ мекунад. Мета-таҳлили тавассути Арзёбии СУТ оид ба сарбории ҷаҳонии бемориҳо, ки ба қариби гузаронида шуд, имконияти тахмин задани онро медиҳад, ки бо афзоиши ҳар 1 грамм ба десилитри (1 г / дл) гебоглобин бо хавфи нисбии 0,84, сатҳи фавти перинаталӣ ба 16% коҳиш меёбад.[16] Бо назардошти паҳншавии КНО дар сатҳи 25,9% ва нишондоди умумии камхунӣ дар сатҳи 51,2%, сатҳи миёнаи гемоглобин 12,08 грамм ба десилитр ҳисоб шуда сатҳи миёнаи гемоглобин дар сурати мавҷуд набудани норасоии оҳан дар сатҳи 12,92 грамм ба десилитр пешбинӣ мешавад.[17]

### САТҲИ СОЛОНАИ ФАВТИ МОДАР ДАР НАТИҶАИ КАМХУНӢ

| Норасоии ҳисобшуда дар сатҳи миёнаи ГБ | | Хавфи нисбии фавт | | Хавфи ба аҳолӣ нисбатдодашуда | | Ҳолатҳои фавти модар дар як сол (з/т х АХ) | | Ҳолатҳои фавти модар дар як сол |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0.85 г/дл | X | 0.75 | = | 22% | X | 64 | = | 14 |

Дар ҳоле ки арзёбии талафот имконнопазир аст, аз нуқтаи назари иқтисодӣ, он 14 ҳолати фавт дар як сол танҳо АХ қувваи кории аз даст додашудаи ояндаро, ки арзиши он тақрибан 0.119 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад, инъикос мекунад.

### АРЗЁБИИ АРЗИШИ ХОЛИСИ МУЗДИ МЕҲНАТИ АЗ ДАСТ ДОДАШУДА ДАР НАТИҶАИ ФАВТИ МОДАР

| Ҳолатҳои нисбатдодашудаи фавт | | Маоши миёнасола (ҳамаи бахшҳо) | | Сатҳи иштироки қувваи корӣ | | Ҳисоби миёнаи солҳо дар қувваи корӣ | | Меъёр барои АХ[18] | | Фаъолияти маҳсулноки аз даст додашуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14 | X | 750 долл. ИМА /сол | X | 50% | X | 43 | X | 2.5% | = | 0.119 млн. долл. ИМА |

Дар робита бо паҳншавии КНО дар сатҳи 25,9% дар байни занони ҳомиладор (тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Тоҷикистон) ва хавфи нисбии фавт дар сатҳи 1,45, хавфи ба аҳолӣ нисбатдодашуда 10,4% ташкил медиҳад. Тибқи омори миллӣ, ҳамасола шумораи навзодони синни камтар аз 1 моҳ 4030 (мувофиқи маълумоти

[16] Столсфус Р., Мулани, Л. Блек Р. Камхунии алоқаманд бо норасоии оҳан дар Сарбории ҷаҳонии бемориҳо, СУТ 2004
[17] Тақсимоти маъмулии ГБ тибқи Столсфус.
[18] Баъди таъхири 15 сола

Вазорати тандурустии Тоҷикистон) тифлро ташкил медиҳад. Бинобар ин, шумораи ҳодисаҳои фавти кӯдакон, ки бо КНО дар байни модарон алоқаманд аст, 420 ташкил медиҳад.

### ДУРНАМОИ ФАВТИ ПЕРИНАТАЛӢ ДАР НАТИҶАИ КНО ДАР БАЙНИ МОДАРОН

| Паҳншавии кно дар байни занҳои ҳомиладор | | Коҳишёбии хавфи нисбии фавт | | Хавфи ба аҳолӣ нисбатдодашуда | | Нишондиҳандаи фавти навдоз дар як сол <1 моҳ | | Шумораи фави кӯдак, ки бо КНО модарон алоқаманд аст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 26% | X | 1.45 | = | **10.4%** | X | 4030 | = | 420 |

Агар тахмин занем, ки синни 30 сола синни миёнаи фавти модар аст,[19] ва бо назардошти 22 соли кори иловагии аз дастдода, тибқи арзёбии мо арзиши холис ба ҳисоби миёна 6.055 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

### ҲИСОБИ МУЗДИ МЕҲНАТИ АЗ ДАСТДОДА ДАР НАТИҶАИ ФАВТИ ПЕРИНАТАЛӢ

| Ҳолатҳои нисбатдо дашудаи фавт | | Маоши миёнасо ла | | Сатҳи иштироки қувваи корӣ | | Ҳисоби миёнаи солҳо дар қувваи корӣ | | Меъёр барои АХ | | АХ фаъолияти маҳсулноки аз даст додашуда[20] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 420 | X | 1,538 долл. ИМА/сол | X | 68% | X | 43 | X | 2.5% | = | 6.055 млн. долл. ИМА/сол |

## НУҚСИ НАЙЧАИ АСАБ, КИ БО НОРАСОИИ КИСЛОТАИ ФОЛИЕВӢ АЛОҚАМАНД АСТ

Нуқси найчаи асаб (ННА), чурраи ҳароммағз ва анэнсефалия яке аз сабабҳои асосии фавт ва маълулият дар саросари ҷаҳон маҳсуб меёбанд. Дар сурати мавҷуд набудани рақамҳои хоси алоқаманд бо ҳолатҳои чурраи ҳароммағз ва анэнсефалия дар Тоҷикистон, мо аз маълумоти Гузориши Даймз Глобал истифода бурдем, ки дар он ҳисоби тақрибан ҳазор ҳолат дар як сол –2/1,000 зиндатаваллуд, ба ҳисоби миёна дар ҷаҳон оварда шудааст.[21] Бо мақсади таҳлил тахминҳои консервативии мо бар он асос меёбанд, ки сатҳи солонаи ННА ба 1000 кӯдаки таваллудшуда 0.20 ҳолатро ташкил медиҳад, аз онҳо тақрибан 85% бо кислотаи фолиевӣ /ННА пешгиришаванда алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, агар мо тахмини мазкурро ба шумораи умумии 212,000 таваллуд

---

[19] Дар асоси таҳлили DHS 2007

[20] Аз рӯи тахмин 15 сол барои дохилшавӣ ба қувваи корӣ

[21] Гузориши ҷаҳонии Даймз дар бораи нуқсҳои модарзод, Замимаи Б, 2011

дар як сол истифода барем, шумораи тахминии ҳолатҳои ННА алоқаманд бо норасоии кислотаи фолиевӣ дар ҳудуди 32 қарор ҳоҳад дошт.

## ДУРНАМОИ ФАВТИ АЛОҚАМАНД БО ННА

| Таваллуд дар як сол | | Сатҳи миёнаи ННА /ба 1000 таваллуд х ҳолатҳои ННА, алоқаманд бо норасоии кислотаи фолиевӣ | | Дурнамои ҳолатҳои ННА, ки бо норасоии кислотаи фолиевӣ алоқаманданд | | Сатҳи тахминии фавт | | Шумораи умумии ҳолатҳои фавт аз сабаби ННА, ки бо норасоии кислотаи фолиевӣ алоқаманданд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0.21 миллион | X | 0.20x85%=0.17 | = | 36 | X | 90% | = | 32 |

Истифодаи методологияи нокомили мо бо нодида гирифтани зиндагии инсон, арзиши холиси музди меҳнати аз дастдода дар сатҳи 0.525 млн. доллари ИМА дар як сол арзёбӣ мегардад.

## ДУРНАМОИ ТАЛАФОТИ ИҚТИСОДӢ ДАР НАТИҶАИ ФАВТ АЗ ННА

| Ҳолатҳои нисбатдод ашудаи фавт | | Маоши миёнасола | | Сатҳи иштироки қувваи корӣ | | Ҳисоби миёнаи солҳо дар қувваи корӣ | | Меъёр барои арзиши холис баъди 15 соли таъхир | | АХ талафоти иқтисодӣ дар як сол[22] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 32 | X | 1000 долл. ИМА/сол | X | 68% | X | 43 | X | 2.5% | = | 260 млн. доллари ИМА/сол |

## ПРОГНОЗ ЧПС ПОТЕРЯННОЙ ПРОДУКТИВНОСТИ ВСЛЕДСТВИЕ СЛУЧАЕВ ДНТ

| Шумораи зиндамонд агон | | Маоши миёнасола | | Сатҳи иштироки қувваи корӣ | | Ҳисоби миёнаи солҳо дар қувваи корӣ | | Меъёр барои арзиши холис баъди 15 соли таъхир | | АХ талафоти иқтисодӣ дар як сол[23] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шакли вазнини маъюбӣ 1 | X | 1000 долл. ИМА/сол | X | 68% | X | 43 | X | 2.5% | = | Аз даст додани маҳсулнокии 100% 0.004 млн. долл. ИМА/сол |
| Шакли мӯътадили маъюбӣ 2 | X | 1000 долл. ИМА/сол | X | 68% | X | 43 | X | 2.5% | = | Аз даст додани маҳсулнокии 50% 0.009 млн. долл. ИМА/сол |

[22] Бо назардошти 15 сол барои воридшавӣ ба қувваи корӣ
[23] Бо назардошти 15 сол барои воридшавӣ ба қувваи корӣ

Дар 32 ҳолати пешбинишуна, шахсони дорои ННА аз сабаби норасоии кислотаи фолиевӣ дар давоми зиндагии худ бо маъюбии шакли вазнин ё мӯътадил рӯ ба рӯ мешаванд. Кӯдаконе, ки бо ННА таваллуд мешаванд ба амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми таваллуд ва кӯмаки махсуси тиббӣ дар давоми зиндагӣ ниёз доранд. Ҳисоби тахминии талафоти алоқаманди маҳсулнокӣ ва хароҷоти соҳаи тандурустӣ дар поён оварда шудааст:

- Фарз мекунем, ки дар 1/5 ҳолати таваллуд таҷҳизоти лозимаи мавҷуд буда арзиши амалиёт 6,500 долл. ИМА ташкил медиҳад. Дар натиҷа, хароҷоти соҳаи тандурустӣ, ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ 23,436 долл. ИМА ташкил медиҳад.
- 2,500 долл. ИМА дар як сол барои барқарорсозӣ ва доруворӣ, дар баробари 2,100 долл. ИМА хароҷоти солона барои барқарорсозии доимӣ ва нигоҳубини шахсони дорои маъюбии мӯътадили алоқаманд бо ННА.

## МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ТАЛАФОТИ ИҚТИСОДИИ САТҲИ МИЛЛӢ

Дар асоси таҳлили дар боло овардашуда маълумоту далелҳои алоқаманд бо маълумоти миллӣ дар соҳаи тандурустӣ, меҳнат ва демография дар бораи коҳишёбии фаъолияти иқтисодии миллӣ тақрибан ба 878 млн. доллари ИМА дар давоми даҳ сол шаҳодат медиҳад, ки онро ба сатҳи кунунии КНО ва ННА алоқаманд бо норасоии кислотаи фолиевӣ метавон рабт дод.

## ҶАМЪБАСТИ ПАЁМАДҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮИ ҲАМАИ НИШОНДИҲАНДАҲО

| Сол | Талафоти базавӣ | ММД кишвар | Талафот бо % аз ММД |
|---|---|---|---|
| | млн. долл. ИМА | | |
| 2017 | 83 | 9,242 | 0.90% |
| 2018 | 84 | 9,519 | 0.89% |
| 2019 | 85 | 9,805 | 0.87% |
| 2020 | 86 | 10,099 | 0.85% |
| 2021 | 87 | 10,402 | 0.84% |
| 2022 | 88 | 10,714 | 0.82% |
| 2023 | 89 | 11,035 | 0.81% |
| 2024 | 90 | 11,366 | 0.79% |
| 2025 | 91 | 11,707 | 0.78% |
| 2026 | 92 | 12,059 | 0.77% |
| **Ҳамагӣ** | **878** | | |

## АРЗИШИ ҒАНИГАРДОНИИ ОРДИ ГАНДУМӢ ДАР МИҚЁСИ КАЛОН

